**07.00.00.ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ**
**07.00.00.ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ**
**07.00.00.HISTORICAL SCIENCES AND ARCHEOLOGY**

07.00.02. ТАЪРИХИ ВАТАН
07.00.02. ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
07.00.02. HOME HISTORY

***ТДУ 327 С***
***ТКБ 66.75***

# *УСТОД АЙНӢ ВА АГЕНТИИ СИЁСИИ РУСИЯ ДАР БУХОРО*

***Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ,*** *доктори илмҳои таърих, профессор, раиси МД "КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *АЙНИ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ АГЕНТСТВО РОССИИ В БУХАРЕ*

***Розикзода Абдулхаким Шерали,*** *доктор исторических наук, профессор, председатель ГУ "ВАК при Президенте Республики Таджикистан" (Таджикистан, Душанбе)*

# *AINI AND POLITICAL AGENCY OF RUSSIA IN BUKHARA*

***Rozikzoda Abdulhakim Sherali,*** *Dr. of History, Professor, chairman of the SE "CHA under the Auspices of Tajikistan Republic President" (Tajikistan, Dushanbe),*
***E-mail****:rozikzoda@vak.tj*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Садриддин Айнӣ, Аҳмади Дониш, Садри Зиё, амирони манғития, қушбегӣ, генерал-губернатор, Агентии сиёсии Русия дар Бухоро, политсия, табааи Русия*

*Дар мақола дар бораи бархӯрдҳои устод Айнӣ бо ниҳодҳои Русияи подшоҳӣ, аз ҷумла Агентии сиёсии Русия дар Бухоро ва политсия сухан меравад. Тазаккур меравад, ки овони бачагӣ, наврасӣ ва таҳсилу бакамолрасии яке аз чеҳраҳои дурахшони илму фарҳанги тоҷик, С.Айнӣ дар давраи тиравy тори амирӣ сипарӣ гаштааст. Дар ҳамин давра устод Айнӣ бо як ниҳоди ҷиддии татбиқкунандаи сиёсати мустамликавии Русия дар Аморати Бухоро – Агентии сиёсии Русия дар Бухоро, ки нависанда онро аксар «элчихона» меномид, бархӯрдҳо доштааст. Собит мешавад, ки элчихона ҳамеша аз Айнӣ барин рушанфикрон, маорифпарварон, хусусан ҷадидон – ислоҳотхоҳон ҳарос дошт. Зеро онҳо аз дахолати Русия ба корҳои дохилии аморат, ки аксаран ба воситаи Агентии сиёсӣ амалӣ мегардид, норизоӣ баён мекарданд. Аз ин ҷост, ки Агентии сиёсӣ фаъолияти онҳоро пинҳону ошкоро зери назорати сахти хеш қарор дода буд. Нишон дода мешавад, ки устод Айнӣ ба сиёсат ва фаъолияти элчихона аз нигоҳи манфиатҳои як давлати мустақил нигариста, дахолати пайвастаи онро ба корҳои дохилии аморат, хусусан, муносибати норавшану баъзан рӯйирост душманонаи он нисбат ба мактабҳои усули нав ва ислоҳот нигаронию норизоӣ мекард. Дар ин раванд устод Айнӣ бо кормандони элчихона А.Я. Миллер, Шулга ва корманди пулиси махфи Вилман борҳо бархӯрд дошта, баъдан низ таҳти таъқиби ниҳодҳои давлатӣ қарор доштааст.*

***Ключевые слова:*** *Садриддин Айни, Ахмад Дониш, Садри Зиё, мангитские эмиры, кушбеги, генерал-губернатор, Политическое агентство России в Бухаре, полиция, подданный России*

*В статье речь идёт о взаимоотношении С.Айни с учреждениями Царской России, в том числе Политическим агентством России и полиции в Бухаре. Отмечается, что период детства, отрочеств и учёбы выдающего деятеля таджикской науки и культуры устод С.Айни прошли в мрачные времена правлении Бухарского эмирата. В этот период С.Айни приходилось часто иметь дело с Политическим агентством России в Бухаре, которая проводила колониальную политику в Бухарском эмирате. В своих произведениях С.Айни часто называет агентству «элчихона», что означает посольство. Подчеркивается, что политическое агентство или «элчихона» опасалось С.Айни и других, просветителей, местной интеллигенции, особенно джадидов- реформаторов. Потому что они часто выражали недовольства вмешательство России во внутренних делах эмирата. По этой причине Политическое агентство России жестко контролировало деятельность местной интеллигенции. Рассматривается, что С.Айни относился к политике и деятельности «элчихона» с позиции интересов независимого государства и выражал недовольство вмешательству во внутренних делах эмирата, особенно, к враждебному отношению агентства к реформе*

*просвещении и деятельности новометодных школ в Бухаре. С.Айни неоднократно имел дело с сотрудниками агентства А.Я. Миллер, Шулга и агента тайной полиции Вилман и находился под слежкой.*

***Key words:*** *Sadriddin Aini, Ahmad Donish, Sadri Ziyo, mangits of emirs, kushbegi, Governor-General, Russian Political Agency in Bukhara, police, Russian citizen*

*The article dwells on S. Aini`s relationship with institutions of Tsarits Russia, including the Political Agency of Russia and the police in Bukhara. The period of childhood, adolescence and study of an outstanding figure of Tajik science and culture preceptor S.Aini passed in the darke times of the rule of the Bukhara Emirate. During this period, S. Aini often had to deal with the Political Agency of Russia in Bukhara, which pursued a colonial policy in the Emirate of Bukhara. In his works preceptor S.Aini often calls the agency "elchihona", which means embassy.The political agency or elchihona feared S. Aini and others, educators, local intelligentsia, especially Jadid reformers. Because they often expressed dissatisfaction with Russia's interference in the internal affairs of the emirate. For this reason, the Political Agency of Russia tightly controlled the activities of the local intelligentsia.Preceptor S.Aini treated the politics and activities of Elchikhona from the position of the interests of an independent state and expressed dissatisfaction with interference in the internal affairs of the emirate, especially the agency's hostile attitude to the reform of education and the activities of new-fangled schools in Bukhara.S. Aini repeatedly dealt with employees of the agency A.Y. Miller, Shulga and secret police agent Wilman and was under surveillance.*

Садриддин Айнӣ дар вазъияти тираву тор ва режими худкомаи салтанати амирони манғития, аниқтараш дар аҳди ҳукмронии ду амири охирини ин хонадон Абдулаҳад (1885-1910) ва Олимхон (1910-1920) ба камол расидааст. Давраи мактабхонӣ, таҳсил дар мадрасаҳо ва ҳамчун як ориф ва шоир ба камол расидани ӯ ба давраи пурзӯр гаштани муборизаҳои сиёсию иҷтимоӣ, дахолати бештари Русия ба ҳаёти дохилӣ ва дар ин замина комилан аз даст рафтани истиқлолияти аморат, шиддат гирифтани муборизаҳо байни қувваҳои иртиҷоӣ – истибдодӣ ва ҷадидону ислоҳотхоҳон рост омада буд. Ҳангоме ки ӯ ҷавони баркамолу ташнаи илм дар мадрасаҳои Бухоро аз пайи донишандӯзӣ буд, дар ҳаёти сиёсии аморат воқеаҳое рух медоданд, ки Айнии зираку кунҷковро бетараф гузошта наметавонистанд. Ба ҳар як воқеаи рухдода бо ҳисси кунҷковӣ назар дӯхта, сабабу оқибатҳои онро ҷӯё мегашт. Бо иқрори худи устод Айнӣ то шиносоӣ бо аҳволу осор ва бахусус «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш фаҳми сиёсиаш чандон баланд набуд. Китобати «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, ки бо супориши Шарифҷон махдуми Садри Зиё сурат гирифт, дар афкори Айнии толибилм «инқилобе»-ро ба вуҷуд овард. Акнун Айнии ҷавон ба ҳар як рӯйдоди сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо диди дигар, аз нигоҳи манфиатҳои мардуми заҳматкаш ва кишвари азизаш назару қазоват мекардагӣ шуд.

Яке аз масъалаҳои мубрами сиёсӣ, ки устод Айниро дар тамоми давраи минбаъдаи ҳаёти бошууронааш пайваста пайгирӣ намудааст, ин муносибати байни Бухоро ва Русия мебошад. Ин мавзӯъро дар осору афкор ва мавқеи устод Айнӣ пайгирӣ намудан чандон кори саҳл нест ва он таҳқиқоти мӯшикофонаю эҳтиёткоронаро тақозо менамояд.

Дар ин ҷо муаллифи сатрҳо мехоҳад пиромуни муносибату бархӯрдҳои устод Айнӣ бо як ниҳоди сохтории Вазорати корҳои хориҷии Русияи подшоҳӣ – Агентии сиёсии Русия дар Бухоро, ки минбаъд дар тамоми ҳаёти дохилии аморат дастдарозӣ кардааст, фикру андешаҳои худро иброз намояд.

Замоне ки Агентии сиёсии Русия дар Бухоро ҳамчун як воҳиди сохтории Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагии ҳукумати подшоҳии Русия дар аморати Бухоро ба фаъолият оғоз намуд, Айнӣ писарбачаи 8-9-сола буд ва бешубҳа он замон ба ин рӯйдод таваҷҷуҳе ҳам карда наметавонист. Вале баъдҳо, замони дар мадрасаҳо таҳсил карданаш атрофи муносибати Русия бо Бухоро борҳо андешаронӣ намудааст ва албатта, аввалин бардошт аз муносибати Русия бо Бухоро мунтақидонаю норозиёна буд. Мисли дигар ҳампешагони худ аз он дар шигифт буд, ки кишвар ва ватани азизаш аз соҳибихтиёрӣ ва истиқлолият бенасиб аст. Устод Айнӣ худ гуфтааст, ки «... ҳукумати Бухоро баъд аз ҷанги Зирабулоқ мунъақид шуда буд, ҳукумати Бухоро аз истиқлоли хориҷии худ маҳрум гардида ... ҳукумати Русия ... феълан худро аз ҳар ваҷҳ ба Бухоро ҳоким ва соҳиб мешумурд. Ҳар ҳукм ва талабе, ки генерал-губернатори Тошканд намояд, аз тарафаи ҳукумати амир бе ҳеҷ тааллул иҷро меёфт». Баъдҳо амирони Бухоро ихтиёри сиёсии идораи давлатро комилан аз даст доданд ва бахусус дар замони салтанати амир Абдулаҳад «... боз хеле ҳуқуқи дохилӣ ба дасти Русия супорида шуд»[2, с.130].

Дар ин навиштаҳои устод Айнӣ оҳанги норизоӣ баръало эҳсос мегардад. Интиқод ва норизоии хешро аз ин ҷараён идома дода, нависанда бори аввал дар бораи Агентии сиёсии Русия дар Бухоро боҷуръатона ва фошофош чунин иброз медорад: «... намояндаи сиёсӣ, ки аз тарафи Вазорати хориҷии Русия дар Когон муқим буд, ба ҳамаи корҳои дохилии Бухоро тадохул мекард»[2,с.130].

Албатта, ин дахолатҳои Русия ба ҳаёти дохилии Бухоро, ки ба воситаи Агентии сиёсӣ дар Бухоро амалӣ мегашт, норизоии рӯирости орифону рӯшанфикронеро ба монанди устод Айнӣ ва даҳҳо тани дигар мисли ӯро ба миён меоварinternal. Устод Айнӣ ҳамчун гули сари сабади зиёиён – рӯшанфикрон ҳамаи инро бо чашми худ медид ва барои ӯ номақбулу аламовар буд, ки мансабдороне, чун қушбегӣ, қозикалон ва дигар маъмурин ҳам бо хости Агентии сиёсии Русия таъйин мешаванд. Нависанда бо ҳасрат менависад «... на танҳо азлу насби мисли қушбегӣ ва қозикалон, маъмурони бузург, ҳатто ҳоким ва қозиёни вилоятҳои калони Бухоро ҳам ба савобдид ва тадохули вакили сиёсии Русия таъйин меёфт»[2, с.130].

Устод Айнӣ чунин ҳолатро омӯхта, хеле дуруст хулоса баровардааст, ки онҳое, ки бо дастнишондоди Агентии сиёсӣ ба вазифаҳо таъйин мегарданд, на аз манфиати миллӣ, балки бештар манфиати Русияро пуштибонӣ хоҳанд кард. «Пайдо аст, ки – менависад ӯ, – ин қабил маъмурон аз ризои амир бештар ба хушнудии вакили сиёсӣ хоҳанд кӯшид»[2, с.130].

Агентии сиёсии Русия ба корҳои қозиён ҳам дахолат карда, бо ин роҳ нуфузи худро дар байни аҳолӣ меафзуданд ва албатта, ин амалҳои Агентӣ низ ғазаби мардум ва пеш аз ҳама, рӯшанфикронро ба миён меовард. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ таъкид мекунад, ки Агентии сиёсии Русия бо ба вазифа таъйин намудани қозиҳо қаноат накарда «... ба мурофаа ва муҳокамаҳое, ки дар миёни раийягони Бухоро воқеъ мешавад, ба тариқи ғайрирасмӣ тадохул карда, нуфузи худро дар ҳар кор нишон дода меистод».

Устод Айнӣ дар заминаи ҳодисаи фоҷиабори «низои суннию шиа» (унвони яке аз қисматҳои китоби «Таърихи инқилоби Бухоро»-и нависанда) бо Агентии сиёсии Русия бархӯрдҳо доштааст. Ин ҷо мо аз тафсилоти пурраи ин фоҷиа худдорӣ намудем, зеро ба қавли устод Айнӣ «...бисёр фоҷиаҳо рӯй дод, ки тафсилаш ғайр аз дилсиёҳӣ самаре надорад»[3, с.63]. Фақат бо такя ба навиштаҳои С.Айнӣ, қайд мекунем, ки сабабгори асосии ин фоҷиа ва барафрӯзандаҳои ин оташ Ғиёсмахдуми аълам, муфтӣ, мулло Абдураззоқи муфтӣ, мулло Файзии тошкандӣ, Мухторхоҷа, мулло Холмурод, мулло Қамар ва раиси Бухоро Бурҳониддин буданд.

Дар вақти сар задани ин фоҷиа амир Абдулаҳад дар Кармина қарор дошт ва аз пешгирию хомӯш кардани ин балво ҳукуматаш оҷиз монд ва хуни одамони бегуноҳ рехта шуд. Дар ин маврид «Яҳудиёни Бухоро аз тарси қатлу ғорат ба элчихонаи рус муроҷиат карда, барои муҳофизати худ аскар талаб карданд»[3, с.66]. Ҳамин тариқ, ҳукумати амирӣ бо ёрии қушуни пиёдаву савораи рус бо роҳбарии генерали аз Самарқанд даъватшуда, пеши роҳи хунрезиро гирифт ва балвогарон пароканда карда шуданд. Устод С.Айнӣ аз воридшавӣ ва “... баъд аз фурӯ нишастани фитнаву ихтилол ба баромадан аз Бухоро розӣ нашудани генерали рус” ва бо “ба тамоми корҳои Бухоро назорат карда, дар дохили Арк менишаст”-гӯён норизоӣ баён кардааст. Ҳукумати подшоҳии рус дар якҷоягӣ бо Агентии сиёсӣ сабабҳо ва рафти ин балворо тафтиш карда, гуноҳи онро ба шиаҳо бор карданд, ки дар натиҷаи он амалдорони шиамазҳаби ҳукумати Бухоро аз мансабҳои давлатӣ барканор карда шуда, ба ҷойи онҳо сунниҳо таъйин карда шуданд.

Баъди ин фоҷиа ва таҳқиқи сабабу омилҳои сар задани он аз ҷониби ниҳодҳои махсуси Русия дар Бухоро идораи политсия таъсис дода шуд, ки аз 3/2 ҳиссаи хароҷоти онро амир пардохт мекард[3,с.68]. Дар ин бора устод Айнӣ таъкид кардааст, ки “Як маъмури рус бо фармони генерал-губернатори онвақтаи Тошканд дар беруни дарвозаи Бухоро идорае ташкил карда, шабу рӯз ба корҳои махфие машғул буд”[3, с.68]. Нависанда дар ҷойи дигари “Таърихи инқилоби Бухоро” дар бораи ин идора ва роҳбараш андешаҳояшро чунин иброз намудааст: “Дар вақтҳои охир дар тахти дарвозаи Бухоро дар майдони вагзал идораи политсияи рус кушода шуда буд, ки дар дохили Бухоро ба ҳар коре мухтор ва қодир буд. Маъмурони ҳукумати Бухоро ва фуқарои Бухоро ба ҷуз итоат ба фармонҳои ин идора чораи дигаре надоштанд. Хусусан баъди он ки ба сардори ин идора Вилман ном шахс таъйин шуд, амният аз шаҳр тамоман барҳам хӯрд. Ӯ ба баҳонаи ҷустуҷӯи яроқ ба ҳар хонае зада даромада, ҳар киро, ки хоҳад, беобрӯ карда метавонист”[3, с.125].

Нависандаи ҳақиқатнигору ватандӯст аз фаъолияти политсияи рус, ки таҳти назорати Агентии сиёсӣ ҳам қарор дошта, бо супоришҳои он амал карда, ба ҳаққу ҳуқуқи бухороиён

дастдарозӣ мекард, эътирозу норозигии хешро дар дигар асарҳояш низ баён намудааст. Чунончи, дар асари "Таърихи амирони манғитияи Бухоро" бо забони тунд менависад: "Дар солҳои охири аҳди Абдулаҳад ба тахти дарвозаи Бухоро аз тарафи ҳукумати Тошканд (генерал-губернаторӣ дар назар аст – Р.А.) ба унвони пристав як шахс таъйин шуда, як идораи забтия кушод. Ин идора бе ҳеҷ восита хонаи бухороиёнро тафтиш ва баъзе ашёи мамнуаро забт ва мусодира карда метавонист. Маълум аст, ки баъд аз ба ин дараҷа расидани кор, истиқлол ва ихтиёрро чӣ маънӣ мемонад?"[2, с.130].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоии Аморати Бухоро масъалаи мактабу маориф, матбуот ба яке аз масъалаҳои мубрам ва доғи рӯз табдил ёфт. Дар ин замина онҳое, ки ба таълиму тадрис, маорифу фарҳанг иртибот доштанд, ба ду лагери ба ҳам муқобилу оштинопазир ҷудо шуданд. Онҳое, ки дар усули таълим, мактабу мадрасаҳо чизеро тағйир доданӣ набуданд, бахусус муллоҳои мутаассибу ҷаҳолатпараст ба қаноти қадимиён ва онҳое, ки мехостанд дар таълиму тадрис дигаргунию навгониҳо, мактабҳои усули нав кушоянд – ҷадидон гуфта худро ҷудо карданд. Онҳое, ки мактабҳои наву замонавиро мехостанд, қисме дар Туркия, ва бархе дар Тотористону қисмати руссиягии Туркистон таҳсил карда, аз ҳаводиси олам то андозае бохабар буданд.

Аввалин чунин мактабҳои усули нав дар ибтидои даҳсолаи аввали асри XX аз ҷониби тоторҳо кушода шуда буданд. Дар чунин мактабҳо фарзандони тоҷирон, баъзе калоншавандаҳою мусулмонҳои Русия таҳсил карда, тез хату савод мебароварданд. Аз домуллоҳои машҳури он давр домулло Икром ва қисме аз рӯшанфикрон, аз он ҷумла устод Айнӣ мактабҳои навро тарафдорӣ менамуданд.

Агентии сиёсии Русия, ки чандон хоҳони тез саводнокшавии фарзандони мардуми маҳаллӣ набуд, дар ин қазия ба тарафи муллоҳои мутаассиб – мулло Қамар, мулло Холмурод, мулло Абдурасули Закун, мулло Абдурраӯфи мударрис ва дигар руҳониёни иртиҷоӣ, ки душманони ашадии чунин мактабҳо буданд, гузашт. Ана, дар ҳамин иртибот ва гиру дорҳои мактабу матбуот устод С.Айнӣ бо Агентии сиёсии Русия бархӯрдҳо доштааст ва дар асари худ "Таърихи инқилоби Бухоро" ба унвони "Мактаби тоторҳо ва элчихонаи рус" боби махсус ихтисос дода, аз мавқеи душманонаро ишғол кардану дар бастани ин гуна мактабҳо саҳм гирифтани Агентӣ изҳори норизоии ҷиддӣ намудааст.

Ҷиҳати бастани мактаби наверо, ки тотори муқими Бухоро, маорифпарвар Холид Бурнашев кушода буд, "Уламо ба воситаи мулло Қамар бевосита ба элчихонаи рус мурочиат карданд. Элчихона розӣ будани худро ба бастани ин мактаб, шифоҳан ба ҳукумати Бухоро фаҳмонд. Ҳукумати Бухоро ҳам «мактабро бандед» гуфта, ба тоторҳо фармон дод"[3,с.56]. Вале тоторҳо мо табааи Русия мебошем гӯён ин фармонро иҷро накарда, ба Агентии сиёсӣ муроҷиат карданд. Баъди ин Агентии сиёсӣ мактабро то як муддат нигоҳ дошт, вале талаб намуд, ки тамоми мактаббачаҳои раияти Бухороро аз мактаб ҷавоб диҳанд ва ҳамин тариқ фарзандони бухороиён аз мактаби тоторҳо ронда шуданд. Устод С.Айнӣ аз ин гуна муносибат кардани Агентии сиёсии Русия ба мактаби нав дар шигифт афтода, бо алам иброз медорад: «Дар масъалаи мактаби бухороиён элчихона ҳимоя не, балки агар ҳақиқатан рӯйи ризо нишон медод, мактаб баста намешуд ва бухороиён аз хондану хонондан маҳрум намегардиданд»[3, с.56].

Баъди баста шудани мактабҳои усули нав устод Айнӣ бо якчанд тан ҳаммаслаконаш аз қабили Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Фазлиддин-махдум, Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов ва дигар рӯшанфикрон[3, с.133], ки дилашон ба мактабу маориф ва саводнок кардани ҷавонон месӯхт бо номи "Тарбияи атфол" як ҷамъияти махфие созмон доданд. Ин ҷамъият дар роҳи ба хориҷа (Туркистон, Россия ва Туркия) барои таҳсил фиристодани ҷавонони болаёқат корҳои зиёди наҷиберо анҷом дод. Зимомдорони давр махсусан Агентии сиёсӣ ва политсия аз мавҷуд будани ин ҷамъият огоҳ шуда буданд. Ана дар ҳамин ҷараён ва барои маълум кардани аъзои ҷамъияти махфии "Тарбияи атфол" Вилман бисёр кӯшишҳо ба харҷ дод, ки шахсҳои шубҳанок ва аз ҷумла домулло Айниро бо ҷурме дастгир намояд. Чуноне ки устод таъкид кардаанд, "... аъзои элчихона ва маъмурони политсия ҷамъияти махфиро, ки буданашро ҳатмӣ гумон мекарданд, ёфта натвониста хеле тангдил шуда, таъқиботи худро торафт меафзуданд. Сардори политсияи рус Вилман худаш шахсан ба фаъолият даромада, бевосита бе ёрии ҳукумати Бухоро, ба тафтиш даромад. Аз ҷумла, ба Акбархон ном истиқоматкунанда дар мадрасаи Кӯкалтош ошно шуда ба воситаи вай маълумоте ба даст дароварданӣ шуд"[3, с.131].

Дар ҳақиқат, Акбархон яке аз гумоштаҳои политсияи махфӣ буд ва ӯ бевосита ба худи сардори идораи политсия Вилман дар алоқа буду ба воситаи ӯ Вилман дар бораи одамони ба рӯйхати политсия ҳамчун "шубҳанок" воридгардида маълумоти зарурӣ ба даст меовард. Устод Айнӣ ба миёнравии ҳамин Акбархон бо сардори идораи политсияи махфӣ Вилман дар як ҳолати ғайримуқаррарию ғайричашмдошт бархӯрд карданашро чунин ба хотир меоварад: "Дар он рӯзҳо – мегӯяд устод С.Айнӣ, – ман аз одами Вилман будани Акбархон огоҳ шуда будам. Ӯ бо ҳар баҳонае ба ҳуҷраам омада мерафт. Як бегоҳ, миёни шом ва хуфтан Акбархон омада, маро ба ҳуҷрааш даъват кард. "Ба ҳуҷраам як меҳмони тотор омад, бо шумо мулоқот кардан мехоҳад" гуфт. Қабул карда рафтам. Аз дари ҳуҷра даромадан ҳамон чашмам ба чашми меҳмон афтод. Бо диққат нигаристам. Тотор – афандӣ, ки ҷомаи беқасаб пӯшида рӯяшро мисли артистҳо ранг (грим) карда, дар пешгоҳ менишаст, сардори политсия ҷаноби Вилман буд"[3,с.131]. Нависанда сир бой надода, бо ӯ вохӯрӣ намуда, саволҳо дода ба қавли худаш "... кори зарур доштанамро баҳона намуда, иҷозат пурсида "Бисмиллоҳ" гӯён аз назди ин Шайтон гурехтам"[3, с.131].

Устод Айнӣ аз фаъолияти як қиморхонае, низ, ки таҳти назорати сардори идораи политсия Вилман қарор дошт, изҳори нигаронӣ карда, парда аз рӯйи фасодкориҳои ӯ мебардорад: "Дар вагзали Бухоро, – мегӯяд Айнӣ, – қиморхонае буд. Ин қиморхона чун дар таҳти ҳимояи Вилман ба шумор мерафт, аз ҳар гуна тааррузи маҳфуз буд. Тамоми фасодкор, дузд ва воқеанависҳо дар он ҷо ҷамъ мешуданд ва нақшаи тамоми фасодҳо дар он ҷо кашида мешуд. Танаффусгоҳи ҷаноби Вилман ва яке аз манбаъҳои даромади ӯ низ аз ҳамин қиморхона буд"[3,с.125].

Солҳои Ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918) Русияи подшоҳӣ таъқибот ва назоратро аз болои ҷадидон-тараққихоҳон, ки бештарашон дар Туркия таҳсил карда буданд ва бо Истанбул алоқа ва рафтуомад доштанд, пурзӯр намуд. Зеро ҳукумати подшоҳии рус аз Туркия, ки аз ҷониби Германия бо Русия дар набард буд ва эмиссарҳо ва ҷосусони турк ба Аморати Бухоро тез-тез равуо доштанд, хусусан ҷадидон бо ин кишвар иртибот доштанд, дар ҳарос буд. Ба ҳамин маъни ишора карда устод Айнӣ низ таъкид мекунад, ки "Дар вақти ҷанг таъқиботи политсияи махфии ҳукумати императорӣ ва бо фармоиши махсуси вай таъқиботи ҳукумати амирӣ боз ҳам зиёдтар гардид"[1, с.62].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо туфайли тоҷирон, сайёҳон ва толибилмоне, ки дар хориҷ таҳсил мекарданд, дар Аморати Бухоро ҳам баъзе рӯзномаю маҷаллаҳо, аз қабили "Вақт", "Тарҷумон", "Ҳабл-ул-матин", "Чеҳранамо" ва ғайра дар байни аҳли савод паҳн гардида, мардумро аз воқеаҳои ҷаҳон, афкору ғояҳои инқилобӣ огоҳ месохт. Хусусан мақолаҳои яке аз узви фаъоли ҷавонбухороиён Абдулқодир Муҳиддинов, ки бо номи мустаори "Бухороӣ" дар саҳифаҳои "Вақт" интишор мегардид, дар бедор кардани аҳли Бухоро нақши муҳиме бозид. Нерӯи муқтадири матбуотро дар бедор кардани омма эҳсос карда, рӯшанфикрон дар пайи таъсиси рӯзнома шуданд, вале ин кор ба идораи Агентии сиёсӣ чандон писанд наомад.

Нависанда ва ватандӯсти дилогоҳ аз муносибати душманонаи Агентии сиёсӣ нисбат ба матбуоти нав дар Бухоро дар шигифт шуда, аз он сахт интиқод кардааст. Устод Айнӣ аввал мавқеи худи ҳукумати Бухороро нисбат ба газетаҳо шадидан зери тозиёнаи танқид гирифта мегӯяд "... ҳукумати Бухоро, ки ба ягон кори оддии маданӣ роҳ намедод, ба нашри газетае, ки дар пеши назараш чун муфаттише шуданаш мумкин буд, чӣ гуна роҳ дода метавонист"[1,с.106]. Дар ин бора фикрашро идома дода, барои мавқеи Агентии сиёсӣ нисбат ба газета чунин иброз медорад: "Элчихонаи рус бошад, ба нашри як газетаи озодфикр рухсат додан он тараф истад, ба ин кор аз ҳукумати амир ҳам бештар монеъ мешуд"[3, с.106].

Ба ин нигоҳ накарда, бо ташаббусу иқдоми Мирзо Муҳиддин, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва мудири чопхонаи Когон Левии яҳудӣ, ки баъди ваъдаи ба даст овардани фоидаи зиёд аз Агентии сиёсӣ (онҳо низ фоидаро интизор буданд) иҷозати нашри рӯзномаҳои "Бухорои Шариф" ва тобистони соли 1912 бошад, нашри газетаи "Тӯрон"-ро иҷозат гирифтанд. "Бухорои Шариф" ҳафтае чор маротиба ва "Тӯрон" бошад, ду маротиба нашр гардида, ба дасти хонандагон мерасид. Бо гуфти устод Айнӣ "Газетаҳо рӯз ба рӯз диққати мардумро ба худ бештар ҷалб мекарданд. Онҳо фақат дар Бухоро не, балки дар тамоми Туркистон шуҳрат пайдо карданд"[3,с.108].

Бо вуҷуди он, ки дар саҳифаҳои ин газетаҳо ба масъалаҳои сиёсии муносибати байни Русияю Бухоро матлаб чоп намекарданд ва "фақат аз нуқсонҳои иҷтимоӣ, аз иқтисод, зироат, илму маориф, аз аҳволи фалокатбори мактабу мадрасаҳо баҳс мекарданду вассалом", ба ин нигоҳ накарда, Агентии сиёсӣ дар пайи бастани ин рӯзномаҳо шуда, дар ин кор ҳукумати Бухороро ба

пеш даровард. Бо ҳамин мақсад “Ба ҳукумати Бухоро мурочиат карда, бастани газетаҳоро маъқул донист. Ҳукумати Бухоро – таъкид мекунад нависанда, – зотан фақат ба хотири элчихонаи рус ба ин кор (нашри газетаҳо – Р.А.) – розӣ шуда буд, вагарна табъан ба чунин корҳо ҳаргиз розӣ намешуд. Агар ихтиёр дошта бошад, на танҳо газетаҳои Бухоро, балки матбуоти исломии тамоми Русия ва ҳатто тамоми дунёро нест мекард”[3, с.108].

Агентии сиёсӣ 12 январи соли 1913 ба идораи газетаҳо бо имзои Петров мактуби расмӣ ирсол кард, ки дар он омада буд: “Бо хоҳиши ҷаноби олӣ амири Бухоро аз ҳамин рӯз эътиборан газетаҳои “Бухорои Шариф” ва “Тӯрон” аз нашр боздошта мешаванд”[3,с.108]. Ҳамин тариқ, “Бухорои Шариф” баъди 153 шумора, “Тӯрон” баъди 49 шумораи нашр баста шуданд. “Ин ду ниҳол, – мегӯяд Айнӣ, – ки акнун ба мева додан даромада буданд, бо табари зулму истибдод аз боғчаи халқ решакан шуданд”[3,с.108]. Ҳамчунин устод Айнӣ ғаму андуҳ ва таассуроташро дар як шеъраш хеле нишонрас ифода намудааст:

***Эй тарҷумаи ҳоли дил, эй сафҳаи “Тӯрон”,***
***Ту маҳв шудӣ, монд ба дил доғи фаровон...***
***Дирӯз ба даврон зи ту ахбор ҳамерафт,***
***Акнун зи ту ҷуз хотирае нест ба даврон.***
***Не, не, зи ту сад дарду алам монд ба гетӣ,***
***Не, не, зи ту сад меҳнату ғам монд ба кайҳон...****[3,с.109].*

Минбаъд С.Айнӣ ба туфайли мураккаб гаштани авзои сиёсии ҷаҳон ва Русия дар заминаи ҷанги якуми ҷаҳон ва шӯриши соли 1916 дар Туркистон борҳо ба Агентии сиёсии Россия ва политсия бархӯрдҳо доштааст. Чунончи, соли 1915 бо супориши Агентии сиёсӣ ва политсияи рус беш аз 50 нафар одамони “шубҳанок”-ро ба назди қушбегӣ бурда, шумоҳо ба сиёсат машғулед, аз шикасти аскарони рус гап мезанед, гӯён сахт истинтоқ карда, ҷавоб додаанд. Чуноне ки худи устод С.Айнӣ мегӯяд: “Азбаски рӯйхат аз тарафи политсияи махфӣ ё консулхонаи рус (Агентии сиёсии Русия дар назар аст – Р.А.) тартиб ёфтааст, бинобар бо ҳарфи “а” сар шудани фамилияи ман, маро аз ҳама аввал навиштаанд. Қушбегӣ гумон мекард, ки бинобар “ҷинояткори гузаро” будани ман номи маро аз ҳама болотар навиштаанд”[1,с.64].

Дар ин замина байни нависанда ва қушбегӣ як суҳбату муколама низ сурат гирифта буд, ки дар рафти он қушбегӣ Айниро ба манъи газетахонӣ ва худдорӣ намудан аз ҳар гуна суҳбатҳои сиёсӣ даъват кардааст[1,с.62-64].

Устод С.Айнӣ дар хусуси фаъолияти политсия ва намояндагони Агентӣ ҷиҳати кофтукови шахсони “шубҳанок” ва дар ин замина ба ришваситонӣ машғул шудани онҳо маълумотҳои дақиқ оварда, парда аз рӯйи ҳаромхӯрии онҳо мебардорад. “Таъқиботи политсияи подшоҳӣ, – менависад С.Айнӣ, – дар зимистон дар шаҳр давом кард, одамони бисёре ҳабс ва кофтуков карда шуданд. Коркунони масъули гумоштаи сиёсии Ҳукумати подшоҳӣ дар Бухоро аз ин аҳвол ба фоидаи шахсии худ ҳам истифода бурданд. Котиби якуми Агентии сиёсӣ – Шулга, одамонеро, ки иқтидори пора додан доштанд “шубҳанок” гуфта, ба тариқи махфӣ ба худи он одам мефаҳмонд ва баъд аз як маблағ пора додан, он кас аз “шубҳа” мебаромад”[1, с.67].

Аз ин бозии Шулга ҳатто қозикалони давр ҳам эмин намонд ва чанд хешовандонаш ба рӯйхати шубҳанокҳо ворид шуданд, вале баъди аз қозикалон гирифтани пораи муносиб, онҳо аз “шубҳа” баромаданд[1, с.64]. Ин пора муносиб ба қавли устод Айнӣ тилло будааст, “вале миқдораш дар хотирам намондааст” мегӯяд устод.

Дар ин иртибот ва бозиҳои пуштипардагии Шулга устод Айнӣ далелҳои боэътимод – хатҳои ӯро дар даст дошт. Чунончи, аз мазмуни яке аз чунин мактубҳои Шулга ба қозӣ Бурҳониддин ёдовар шуда, таъкид мекунад, ки “Шулга ба қозӣ Бурҳониддин ҳам мактубе навишта, ӯро ба ҳаракат кардан ба муқобили ҷавонон даъват кард”. Дар як ҷойи ин мактуб гуфта шуда буд: “Шумо натарсида, ба нест кардани ин фирқа кӯшиш кунед. Дар ин бора аз мо ҳар гуна ҳимоят мебинед”[с.130].

Устод Айнӣ дар идомаи суханҳояш нисбат ба Шулга фикрашро як навъ ҷамъбаст карда, таъкид менамояд, ки “Хулосаи калом, ин дипломат, ки дар байни халқи Бухоро бо лақаби “ноибча” машҳур буд, кӣ будани худашро фақат ба ҷавонон не, балки ба тамоми аҳолии Бухоро шиносонида буд”[3,с.130].

Ҳамин буд, ки мактубҳои Шулга, мавқеъгириҳои Резиденсияи Русия, бахусус роҳбари он Миллер аз назари ҷавонбухороиён ва аҳолии Бухоро пинҳон намонд ва Шӯрои депутатҳои солдатҳою коргарони Когон дар маҷлиси худ дар бораи ба ҳабс гирифтани онҳо қарор баровард. Дар натиҷа, Миллер ба ҳабс гирифта шуда, калиди алоқаи телеграфии Резиденсия аз

ӯ мусодира шуд ва баъдтар ӯ ба Русия фиристода мешавад. Аммо ба Шулга муяссар мегардад, ки аз Когон фирор намояд. Ба гуфти устод Айнӣ "Агентии сиёсии Русия – бандаи содиқи Николайи II, ..." ва баъдтар Резиденсия дар Бухоро то октябри соли 1917 ба Россия содиқона хизмат карда, баъди ғалабаи болшевикон барҳам мехӯрад.

Бамаврид аст таъкид намоем, ки устод Айнӣ дар тӯли зиндагии хеш, ки нисфаш пураламу пурмашаққат сипарӣ шудааст, бо ниҳодҳои махсуси режимҳои мавчуда бархӯрдҳои зиёд доштааст. Баъд аз таъқибҳо ва озори чисмонии дар замони амирӣ кашидааш душманонаш ҳамоно ӯро ором нагузошта, дар пайи чисман нобуд сохтани ӯ тадбирҳои нав ба нав меандешиданд. Баъди 52 рӯзи муоличa ва бисту панч амалиёти чарроҳиро аз сар гузаронидан аҳволу саломатии устод Айнӣ андаке беҳтар гашта, ба Самарқанд меояд, вале дар рӯзи сеюми дар Самарқанд иқомат доштанаш бо қавли худи нависанда "... сахт бемор шуда, дар кулуб афтодам. Яке аз самарқандиён, ки ман ӯро шахсан намешинохтам, аммо ӯ ба ман назари хуб доштааст, маро ба файтун бор карда ба хонаи худ бурд ва дар он чо ду моҳ бемор хобидам ва баъд аз он қуввате пайдо кардам, асозанон ба кӯча баромада тавонам"[1,с.86]. Дар ҳамин ҳолат ҳам душманонаш ӯро ором нагузоштанд ва муллоҳои мутаассиби Самарқанд Эшони Тӯра, муфтӣ мулло Одил" ... зери роҳбарияти қозӣ Исохон – мегӯяд худи устод Айнӣ, - бар зарари ман ривояте карданд. Мазмуни он ривоят ин будааст: "касе, ки ба подшоҳи ислом теғ кашида, аз он чо ронда шудааст, дар шаҳри мусулмонон истиқомат кардани он аз рӯйи шариат чоиз нест". ... Ман ба совдепи (шӯрои депутатҳо – Р.А.) Самарқанд рафта, ин ҳолро хабар додам. Совдеп калонони муллоҳоро чеғ зада бурда аз забони онҳо хат гирифт, ки агар ба фалони зараре расад, онҳо (калонони муллоҳо) чавобгаранд"[1,с.86].

Дар ҳамин ҳолати таҳдиди муллоҳои мутаассиб ба ҳимояи устод сокинони маҳаллаи Сӯфӣ – Розиқ бархостанд ва Исматулло Раҳматуллоев, ки яке аз ташкилкунандагони маорифи халқ ва аз дӯстони устод Айнӣ буданд, нависандаро дар хонааш пинҳон намуда, ба мактуби дастачамъонаи сокинони ин гузар чиҳати ҳимояи нависанда имзо гузоштааст[6,ҳуччати 52]. Дар ҳамон шабу рӯзҳои барои нависанда хавфнок, аввалҳои соли 1919 бо кӯмаки дӯстон ва ҳаммаслакон устод Айнӣ шаҳрванди Самарқанд ва ба ин васила табааи Русия мегардад[6,ҳуч.49-51], ки дар ҳамон давра амнияти ӯро таъмин мекард.

Душманони маънавӣ ва ҳасудонаш устод Айниро дар замони шӯравӣ ҳам ором нагузоштаанд. Барои бадном кардани ӯ ба идораҳои махсус мактубҳои иғвогаронаи сар то по туҳмату буҳтон ирсол мекарданд, ки ин мавзуъ таҳқиқоти алоҳидаро тақозо дорад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Айнӣ, С. Мухтасари тарчимаи ҳоли худам//Акнун навбати қалам аст. Осори баргузида дар ду чилд. Чилди якум/С.Айнӣ.-Душанбе: Ирфон 1977.- 478 с.
2. Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро //Куллиёт. Ч.10. /С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон. 1966.-С.5-193.
3. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро/С.Айнӣ.- Душанбе: Адиб, 1987.-240 с.
4. Арапов, Д.Ю. Мусульманское движение в Средней Азии в 1910 (по архивным материалам Департамента полиции МВД Российской империи //Сб. русс.ист.общ. МТБ (153)/Д.Ю.Арапов.- М., 2002.- С.127-134.
5. Броздин, С.С. Пробуждение Бухары: Бухарский эмират в конце XIX - начале XX вв. Karadeniz. 2012. №4 (14). S. 47-64. [Электронный ресурс]. https://vk.com/wall-52136985_5193 (дата обращ.: 10.03.2021).
6. Книга жизни Садриддина Айнӣ. Подготовка, издания и исследование К.С.Айнӣ.- Душанбе: Ирфон, 1978.- 490 с.
7. Розиқзода, А.Ш. Миршаб/А.Ш.Розиқзода.- Душанбе: Ирфон, 2021.- 424с.
8. Российский государственный исторический архив. Ф.821, Оп, 8. Д.612, Л.369 обр.
9. Тухтаметов, Т.Г. Русско-бухарские отношения в конце XIX начале XX вв./Т.Г.Тухтаметов.- Ташкент. 1966.-200 с.
10. Фитрат, Абдурауфи Бухорой.Баёноти сайёҳи ҳиндӣ/А.Фитрат.-Душанбе:Ирфон,2009.- 92 с.
11. Холид, Адиб, Чадидон, Миллат ва Ватан [Захираи электронӣ]. https://ozodi.org/a//1223514.html (санаи мурочиат: 26.05.2021).
12. Хотамов, Н.Б.Свержение эмирского режима в Бухаре/Н.Б.Хотамов.- Душанбе, 2018.-348 с.
13. ЦГА Р. Уз. Ф.И.- 461.Оп.1.Д.1023.Л.71 обр.
14. ЦГА Р.Уз. Ф.И.- 461.Оп.1.Д.1260.Л.76.обр.
15. ЦГА Р. Узб. Ф.И-461, Оп.1, Д.1260, Л.75 обр.

**REFERENCES:**


1. Aini, S. Brief Biography of my Life / S.Aini // Now it is the turn of the pen. Selected works: in two volumes. The first volume / S.Aini.-Dushanbe: Cognition, 1977. - 478 p.
2. Aini, S. The History of Mangyts Emirs of Bukhara /S.Aini// Collection of Compositions. - V. 10. - Dushanbe: Cognition, 1966. - P. 5 – 193.
3. Aini, S. The History of Bukhara Revolution / S.Aini. - Dushanbe: Man-of-Letters, 1987. - 240 p.
4. Arapov, D.Yu. Muslim Movement in Central Asia in 1910 (according to archival materials of the Police Department of the Ministry of Internal Affairs of the Russian Empire // Collection of Russian University of Community. MT (153) / D.Yu. Arapov.- M., 2002. - P. 127 - 134.
5. Brozdin, S.S. Awakening of Bukhara: Bukhara Emirate in the Late XIX-th - the Early XX-th Centuries. The Black Sea. 2012. №4 (14). S. 47-64. [Electronic resource]. https://vk.com/wall-52136985_5193 (Date of appeal: 10.03.2021).
6. Sadriddin Aini`s Life Book. Preparation, publication and research of K.S. Aini. - Dushanbe: Cognition, 1978. - 490 p.
7. Roziqzoda, A.Sh. Mirshab / A.Sh. Roziqzoda. - Dushanbe: Cognition, 2021. - 424p.
8. The Russian State Historical Archive. F.821, op, 8. d.612, l.369p.
9. Tukhtametov, T.G. Russian-Bukhara Relations at the End of the XIX-th the Beginning of the XX-th Century / T.G. Tukhtametov. –Tashkent, 1966. - 200 p.
10. Fitrat Abduraufi Adib. Bukhara. Statement of an Indian Tourist / A. Fitrat. - Dushanbe: Cognition, 2009. - 92 p.
11. Khalid, Jadidon, Nation and Homeland [Electronic resource]. https://ozodi.org/a//1223514.html (Date of appeal: 26.05.2021).
12. Khotamov, N.B. Strengthening of the Emirate Regime in Bukhara / N.B Khotamov. - Dushanbe, 2018. - 348 p.
13. State Central Archive of Uzbekistan Republic (SCAUR). F.I.- 461.op.1.d.1023.l.71p.
14. State Central Archive of Uzbekistan Republic (SCAUR). F.I.- 461.op.1.d.1260.76p.
15. State Central Archive of Uzbekistan Republic (SCAUR). F.I-461, op.1, d.1260, l.75p.